**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси: 03.02.01 – Ботаника пешниҳод гардидааст.**

Сатҳи марзҳои Тоҷикистон, аз ҷумла қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, сохтори мураккаби геологӣ дорад. Аз ин гуногунии синну сол, намуд ва таркиби ҷинсҳои кӯҳие, ки масоҳати онро фаро гирифтаанд, гувоҳӣ медиҳанд. Дар раванди эраҳои полеозой ва нимаи аввали кайнозой (то ибтидои давраи неоген) ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон борҳо зери об монда, танҳо дар ибтидои давраи неоген аз об озод шудааст.

Минтақае, ки унвонҷӯ дар он таҳқиқот гузаронидааст, дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ҷойгир буда, мансуби системаи кӯҳҳои Помиру Олой мебошад

Солҳои охир аз таъсири омилҳои антропогенӣ (кушодани заминҳои нав, сохтмони иморатҳо, ташкил шудани корхонаҳои нави саноатӣ, чаронидани бенизоми чорво ва инчунин бенизом ҷамъоварӣ намудани растаниҳои нафъовар) ва таъсири иқлим, олами наботот ва умуман гуногунии биологии Тоҷикистон ва аз ҷумла қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, ки яке аз минтақаҳои сераҳолитарин мебошад, осеб дидааст. Ба Китоби сурхи Тоҷикистон, ки соли 2017 нашр шудааст, 233 намуди растаниҳои пӯшидатухм ворид карда шудааст. Аз ин миқдор 8 намудаш мансуби оилаи лабгулҳо мебошад, ки 2,5% растаниҳои нодири Китоби сурхи Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Намудҳои оилаи Lamiaceae Mart. мансуби тартиби *Lamiales,* зерсинфи *Lamidae*, синфи магнолиягулҳо *Magnoliopsida* ва шуъбаи магнолиофитҳо *Magnoliophyta* мебошанд. Ареали паҳншавии намудҳои оила космополитӣ мебошад, аммо дар минтақаҳои баҳри Миёназамин, Эрон ва Тӯрон намояндаҳои он ҷузъи асосии ҷамоаҳои растаниҳо буда, ба таври густарда паҳн шудаанд. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ, оилаи лабгулҳо аз 221 то 270

авлод ва аз 5500 то 5600 (Флора Таджикской ССР ,1986.Т.8) намуд иборатанд. Намояндаҳои оила бо шаклҳои ҳаётии гуногун-алафҳои бисёрсола, буттаҳо ва буттачаҳо вомехӯранд.

Унвонҷӯй ҳангоми омода намудани рисола аз намудҳои оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. ва омӯзиши фитосенологии баъзе намояндаҳои он - *Nepeta podostachus L., N. catarica L., Ziziphora pamiroalaica L, Hissopus seravschanicus Pasij., Origanum vulgare subsp. gracile (K. Koch) Ietsw.* истифода намудааст. Бо истифода аз усули мактабҳои ботаникии Русия ва Тоҷикистон таҳқикоти саҳрой гузаронида, оид ба таркиби таксономии оилаи Lamiaceae Mart., хусусиятҳои экологӣ ва биологии онҳо таҳқиқот анҷом додааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба истифодаи усулҳои замонавӣ ва маъмули геоботаникии мактаби ботаникии Русия ва Тоҷикистон асос ёфтааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои олимон И.Г. Серебряков (1952), Б.А. Доспехов (1985), С. Рахимов (2007), Н.М. Сафаров (2017), Д. Сатторов (2020) анҷом дода шудааст.

Дар умум бояд зикр кард, ки унвонҷӯй дар рафти иҷрои кори илмии худ усулу услубҳои замонавии соҳавии умумиқабулшударо истифода намудааст ва сохтори автореферат, тартиби баёни мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, таҳлилу хулосаҳо гувоҳии пурра иҷро гардидани мақсадҳои гузошташуда буда, далели кори илмии анҷомёфта мебошад. Инчунин унвонҷӯй тибқи мавзуи рисолаи худ 6 мавода илмӣ аз нашр баровардааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати нашрияҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, шомил мебошад. Аппратсияи натиҷаҳо тариқи баромадҳо дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гузаронида шудаанд.

Бандҳои автореферати рисолаи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсиониҳо, Тартиби додани дараҷаҳои илмҳо, Тартиби

додани унвонҳои илмҳо ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», бандҳои 31,32,33, таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021 пурра мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси: 03.02.01 – Ботаника лоиқ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Ҷаноҳшини декан оид ба таълими
факултети химия ва биологияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
н.и.б. (03.02.01 – Ботаника) Ҳисайнов Далер Эмомович

E-mail: daler.Khisynov.89@bk.ru
Тел: +992902088844

Имзои Д.Э.Ҳисайновро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел: (+9923322) 2-35-09, факс: (+9923322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj

09. 08 соли 2025